ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН
МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ X

Тошканд 2022

## Мактуби эзоҳӣ

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Oқganisation foқ Economic Coopeқation and Development (OECD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Pқogқamme foқ Inteқnational Stғdent Assessment, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Tқends in Mathematics and Science Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

**Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV)** ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

**Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**: доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

**Дар таълими ибтидоӣ –** барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

**Омӯзиши ҳусни хат.** Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

**Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:**

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ X

*(Ҳафтае 1 соат. Ҷамъ: 34 соат)*

### БОБИ I. ЗАБОН ВА ҶОМЕА (2 соат)

Омӯзиши матнҳои “Таркиби луғавии забони миллӣ ва адабӣ”, “Услубшиносӣ – як соҳаи илми забоншиносӣ”.

Бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан** омӯхтани мавзӯъҳои забони адабӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик.

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои забони адабӣи, забони адабии ҳозираи тоҷикро сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонад;
- дар хусуси рушд ва боигарии захирави луғавии забони тоҷикӣ фикрашонро баён намоянд;
- суханҳои пурҳикмат, панду андарзҳо, зарбулмасалу мақолҳоро мазмунан шарҳ дода тавонанд;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад.

### БОБИ II. МАВҚЕИ МАН ДАР ҶОМЕА (2 соат)

Омӯзиши матнҳои “Услуби бадеӣ ва гуфтугӯйӣ”, “Услуби илмӣ, рӯзноманигорӣ (публитсистӣ), расмии коргузорӣ”.

Бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан** омӯхтани мавзӯъҳои услубшиносӣ, мафҳумҳои имконоти услубӣ, тобиши услубӣ, тобиши ҳиссӣ-муассирӣ.

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои услуб, услубшиносӣ, имконоти услубӣ, тобиши услубӣ, тобиши ҳиссӣ-муассир сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонанд;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад;
- ҳангоми шиносоӣ бо матнҳои иттилоотӣ оид ба фаолияти шахсҳои гуногункасбу гуногунпеша, анъанаҳои миллии халқи хеш ва халқу миллатҳои дигар, номгузории расму оин, нақши инсон дар ҷомеа ҳарф зада тавонад.

### БОБИ III. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН (5 соат)

Омӯзиши матнҳои “Воситаҳои образноки лафзӣ чун захираи услубии нутқ”, “Услубиёти муродифҳои луғавӣ”, “Услубиёти калимаҳои ҳамгуна ва наздикталаффуз (паронимҳо)”, “Услубиёти мутазодӣ”, “Услубиёти сермаъноӣ”.

Бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан** омӯхтани мавзӯъҳои услубҳои нутқ ва шохаҳои он, услуби гуфтугӯӣ (гуфторӣ), услуби расмии

коргузорӣ (идорӣ), услуби илмӣ, услуби рӯзноманигорӣ (публитсистӣ), услуби бадеӣ, воситаҳои образноки лафзӣ чун захираи услубии нутқ.

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои услубҳои нутқ, услуби гуфтугӯӣ (гуфторӣ), услуби расмии коргузорӣ (идорӣ), услуби илмӣ, услуби рӯзноманигорӣ (публитсистӣ)-ро сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонанд;
- оида ба услубҳои нутқ дар алоҳидагӣ маълумот дода тавонад;
- хусусиятҳои лекискӣ ва грамматикии услубҳои нутқро маънидод карда тавонад;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад;
- ҳангоми шиносои бо матнҳои иттилоотӣ оид ба ҳуқуқҳои шахс, ҳуқуқи муаллиф, баробарии гендерӣ, масъулияти шахсӣ  маълумот дода тавонад;
- дар хусуси интихоби эпиграф, навиштани мақола андешаҳои хешро баён карда тавонад.

**Такрорӣ (санҷиши дониш, малака ва маҳорат).**

## БОБИ IV.  МУОШИРАТ ВА МУНОСАБАТ  (8 соат)

Омӯзиши матнҳои “Имконоти услубии варваризм, экзотизм, вулгаризм ва эвфемизмҳо”, “Савол ва супориш барои санҷиши донишҳои омӯхтаи чоряки якум”, “Услубиёти воҳидҳои фразеологӣ”, “Имконоти услубии исм”, “Хусусиятҳои услубии сифат”, “Имконоти услубии ҷонишин”, “Имконоти услубии феъл”.

Бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан** омӯхтани мавзӯъҳои услубиёти муродифоти луғавӣ, услубиёти калимаҳои ҳамгуна ва наздикталаффуз (паронимҳо), услубиёти мутазодӣ, услубиёти сермаъноӣ, имконоти услубии экзотизм, варваризм, вулгаризм ва эвфемизмҳо дар нутқ, имконоти услубии воҳидҳои фразеологӣ (хусусиятҳои сермаъноӣ, ҳаммаъноӣ, ва мутазодии воҳидҳои фразеологӣ, ҷуфтҳои услубӣ).

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои услубиёти лекискиро сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонанд;
- оида ба имконоти лексикӣ ва фразеологӣ маълумот дода тавонад;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад;
- ҳангоми шиносои бо матнҳои иттилоотӣ оид ба одоби муошират, муносибат, мубоҳисаҳои тарафайн фикрашро баён карда тавонад;
- дар баёни андеша бо забони адабии шифоҳӣ бо қоидаҳои имлои забони адабӣ риоя намуда аз унсурҳои лаҳҷа, жаргон, варваризм ва вулгаризм канораҷӯӣ  намояд.

**Такрорӣ (санчиши дониш, малака ва маҳорат).**

## БОБИ V. ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ (9 соат)

Омӯзиши матнҳои “Имконоти услубии зарф”, “,Хусусиятҳои услубии пешоянд ва ҳиссача”, “Такрори чорякӣ”, “Хусусиятҳои услубии ибора”, “Имконоти услубии ҷумлаҳои соддаи дутаркиба”, “Хусусиятҳои услубии ҷумлаҳои яктаркиба”, “Хусусиятҳои услубии ҷумлаҳои чидааъзо”, “Хусусиятҳои услубии аъзоҳои ҷумла”, “Хусусиятҳои услубии аъзоҳои истисноии ҷумла”, “Вазифаи услубии калима ва ибораҳои туфайлӣ”, “Савол ва супориш барои санҷиши донишҳои омӯхтаи чоряки сеюм”.

Бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан** омӯхтани мавзӯъҳои имконоти услубии исм (ифодаи номуайянӣ дар исм ва муродифоти он, ифодаи шумора дар исм, тобишҳои ҳиссӣ-муассирии пасвандҳои -ча, -ича, -ак (-як, -акак), хусусиятҳои услубии сифат (дараҷаи олӣ ва аломати зиёдии сифат ва ҳаммаъноии онҳо, тобишҳои ҳиссӣ-муассирии пасвандҳои -ак, -акак (-як, -якак), маънои маҷозии сифат, ташбеҳ, тавсиф, такрори сифат (калон-калон, калони калон ...), имконоти услубии ҷонишин (ҷонишинҳои шахсӣ, муродифоти ҷонишинҳо, тобишҳои ҳиссӣ-муассирии мусбату манфии ҷонишинҳо), хусусияти усулбии феъл (муродифоти шаклҳои замонии феъл, муродифоти сиғаҳои феъл, ҷуфтҳои услубӣ дар феъл), имконоти услубии зарф (тобишҳои ҳиссӣ-муассирии пасавандҳои -акак (-як, -якак), -она, -вор, такрори зарф, задаи мантиқӣ), хусусиятҳои услубии ҳиссачаҳо (тобишҳои ҳиссӣ-муассирии ҳиссачаҳо, ҷуфтҳои услубии ҳиссачаҳо), имконоти услубии нидоҳо (тобишҳои ҳиссӣ-муассирии нидоҳо, нидоҳои хоси услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ).

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои услубиёти сарфиро сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонанд;
- оида ба истифодаи мавридшиносонаи ҳиссаҳои мустақил ва ёвар маълумот дода тавонад;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад;
- ҳангоми шиносоӣ бо матнҳои иттилоотӣ бо интихоби матнҳои ҷудогона доир ба қаҳрамонҳои Ҷоизаи Нобел, касбҳои самараноки оянда, табиат ва ихтирооти замон, фаъолияти Вазорати рушди инноватсионӣ маълумот дода тавонанд.

**Такрорӣ (санчиши дониш, малака ва маҳорат).**

## БОБИ VI. САНЪАТ ВА МАДАНИЯТ (6 соат)

Омӯзиши матнҳои “Имконоти услубии мухотаб”, “Хусусияти услубии ҷумлаи мураккаби пайваст”, “Имконоти услубии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ”, “Тобишҳои услубии аломатҳои китобат”.

Бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан** омӯхтани мавзӯъҳои хусусияти услубии ибор (ба услубҳои нутқ хос будани ибораҳо, тобишҳои

ҳиссӣ-муассирии иборахое, ки ба услуби бадеӣ, публитсистӣ ва гуфтугӯӣ оиданд), хусусиятҳои услубии ҷумлаҳои содда (ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ ва тобишҳои ҳиссӣ-муассирии онҳо), имконоти услубии ҷумлаҳои яктаркиба (хусусиятҳои услубии ҷумлаҳои муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс, унвонӣ ва корбасти онҳо дар услубҳои нутқ), хусусиятҳои услубии ҷумлаҳои чидааъзо (тобишҳои ҳиссӣ-муассирии ҷумлаҳои чидааъзо, хусусиятҳои муайянкунандаҳои чида, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои чидааъзо ва хусусиятҳои услубии онҳо), хусусияти услубии ҷумлаи мураккаби пайваст (вазифаи услубии ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар услуби расмии коргузорӣ, илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ; оҳанги ҳиссӣ-муассирӣ дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва бепайвандак), имконоти услубии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (вазифаи услубии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар услуби расмии коргузорӣ, илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ; такрори ҷумлаи пайрав ва тобишҳои услубии он).

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои услубиёти наҳвиро сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонанд;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад;
- ҳангоми шиносои бо матнҳои иттилоотӣ бо соҳаи кино, адабиёт ва санъат, кинематография маълумот дода тавонад.

**Такрорӣ (санҷиши дониш, малака ва маҳорат).**

## БОБИ VII. ТАБИАТ ВА ИНСОН (2 соат)

Такрори мавзӯъҳои имконоти услубии лекискӣ, грамматикӣ) бо **дарки шунавоӣ, гуфтор, хондан, навиштан.**

**Донишомӯзон бояд бидонанд ва аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:**

- мафҳумҳои услубиёти сарфиро сарфаҳм раванд ва инчунин фарқ карда тавонанд;
- оида ба истифодаи мавридшиносонаи ҳиссаҳои мустақил ва ёвар маълумот дода тавонад;
- ба матну расмҳо сарлавҳа интихоб карда, саволҳо тартиб дода тавонад;
- дар асоси матнҳои хонда ва шунида фикрашро шифоҳӣ ва хаттӣ баён карда тавонад;
- ҳангоми шиносои бо матнҳои иттилоотӣ дар хусуси китоби "Китоби сурх", олами коинот ва экология, таъсири инсон ба табиат, муаммоҳои экологии давру замон маълумот додан.

Омӯзиши матнҳои "Тавсифнома, тарҷимаи ҳол, суратмаҷлис, тавсиянома", "Барқия (телеграмма), телефонахбор (телефонограмма), даъватнома, эълон", "Иҷрои машқ ва супоришҳо аз диди услубшиносӣ", "Санҷиши донишҳои омӯхтаи чоряки чорум", "Савол ва супоришҳо барои вусъат ва такон додани дониши лингвистӣ".

## БАНАҚШАГИРИИ МАВЗӮЪҲО

| Т/р | Бобҳо | Тақсимоти соатҳои умумӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Умумӣ | Барои мавзӯи нав | Корҳои назоратӣ | Таҳлили корҳои назоратӣ | Такрор |
| 1. | Забон ва ҷомеа | 2 | 2 | | | |
| 2. | Мавқеи ман дар ҷомеа | 2 | 2 | | | |
| 3. | **Ҳифзи ҳуқуқи инсон** | 5 | 4 | 1 | | |
| 4. | Муошират ва муносабат | 8 | 7 | 1 | | |
| 5. | Илм ва технология | 9 | 8 | 1 | | |
| 6. | Санъат ва маданият | 6 | 5 | 1 | | |
| 7. | Табиат ва инсон | | | | | 2 |
| **Ҷамъ:** | | **34** | **28** | **4** | **-** | **2** |

## АДАБИЁТ СИНФИ X
## (Ҳафтае 2 соат. Ҷамъ: 68 соат)

### БОБИ I. МУҚАДДИМА ВА НАМУНАҲОИ АДАБИЁТИ ҚАДИМ - 8 соат

Маълумот дар бораи адабиёти қадим. Сарчашмаҳои таърихӣ, хаттӣ ва шифоҳии ин давр.
*Мунозираҳои бадеӣ дар адабиёти форсу тоҷик. “Авесто”* ва қисматҳои таркибии он. “Дарахти Асурик” Порча аз «Андарзномаи Озарбоди Меҳроспандон»,

Намунаҳо аз «Андарзномаи Бузургмеҳр» ва ғайраҳо.

*Давраи рушди адабиёти (Юнон ва Рим) давраи атиқа.*

*Ҳомер:* зиндагинома ва мероси адабӣ. Порча аз достони «Илиада». Намунаҳо аз эҷодиёти адиб.

Такрорӣ.

### БОБИ II. АЗ БӮСТОНИ АДАБИЁТИ АСРҲОИ МИЁНА - 16 соат

**Ташаккули адабиёти форсу тоҷик дар аҳди Темуриён.** Тараққиёти илму фан ва таъсири он ба адабиёти ин давр. Манбаъҳои асосии омӯзиши

адабиёти асрҳои 14–15. Мактаби адабии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Навоӣ. Анъанаи тазкиранигорӣ дар асрҳои 15.

**Абдураҳмони Ҷомӣ.** Девонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва таркиби он. Осори лирикии Ҷомӣ ва хусусиятҳои жанрии он. Маълумот дар бораи анъанаи "Ҳафт авранг"-и Абдураҳмони Ҷомӣ. Мазмуни достон. Таҳлили афкори пешқадами шоир, порча аз «Хираднномаи Искандарӣ». Ҳикояҳо аз «Баҳористон».

**Алишери Навоӣ (Фонӣ)**: зиндагинома ва мероси адабӣ. Маълумот дар бораи "Хамса". Порча аз достони «Фарҳод ва Ширин».

**Камолиддин Биноӣ:** зиндагинома ва мероси адабӣ. Маснавии "Беҳрӯзу Баҳром" ва арзиши ғоявии он**.**

**Мигел де-Сервантес**. зиндагинома ва мероси адабӣ. Порча аз романи "Дон Кихот".

Такрорӣ.

## БОБИ III. МАНЗАРАҲОИ АДАБИЁТИ АСРҲОИ 16–19 = 23 соат

**Тамоюлоти инкишофи адабиёти тоҷик дар асрҳои 16–17.** Равандҳои асосии инккишофи адабиёти асрҳои зерин. Анъана ва навоварӣ дар адабиёти тоҷик**.** Мавзӯъҳои асосӣ ва мазмуни ғоявии адабиёти ин аҳд: танқиди нуқсонҳои ҷамъият, аҳволи вазнини халқи меҳнаткаш ва танқиди аҳли ҷоҳ дар осори бадеӣ. Адибони забардасти ин аҳди таърихӣ. Бадриддин Ҳилолӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Соиби Табрезӣ, Шавкати Бухороӣ, Зебуннисо, Фитрати Зардӯзӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва ғайра.

**Бадриддин Ҳилолӣ:** зиндагинома ва мероси адабӣ. Мазмун ва мундариҷаи маснавиҳои "Шоҳу Гадо", "Сифот-ул ошиқин" ва "Лайлӣ ва Маҷнун". Порча аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун».

**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ:** зиндагинома ва мероси адабӣ. Арзиши илмӣ, таърихӣ, бадеии "Бадоеъ-ул вақоеъ". Ҳикояҳо аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ».

**Абдураҳмони Мушфиқӣ:** зиндагинома ва мероси адабӣ. Маълумот дар бораи маснавиёти адиб. Девони ғазалиёт.

**Сайидои Насафӣ:** Мухтасар дар бораи зиндагинома ва мероси эҷодӣ. Мероси адабии Сайидои Насафӣ. Қироат ва маънидоди намунаи ғазалиёт. Порчаҳои шеърӣ аз "Шаҳрошӯб" ва "Баҳориёт".

**Назарияи адабиёт:** мусамат ва навъҳои он: мухаммас**.**

**Абдулқодири Бедил** – шоири файласуф: мухтасар дар бораи зиндагинома ва мероси адабӣ. Сабки шеъргӯии Бедил. Намунаҳо аз ғазалиёти ирфонӣ, фалсафӣ, лирикӣ ва иҷтимоии шоир. Маснавиёт ва осори мансури Бедил ва аҳамияти тарбиявию ахлоқии онҳо: "Чор унсур", "Руқъаот", "Дебоча", "Нукот". Порча аз достони "Комде ва Мадан"**.**

***Назарияи адабиёт:*** Сабки ҳиндӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини он**.**

**Доираҳои адабии Мовароуннахр дар асрҳои 18–19.** Шоирони зуллисонайни асрҳои 18-19: Гулханӣ, Ҷунайдулло Ҳозиқ, Маъдан, Мирзо Содиқи Муншӣ, Нодира – Макнуна, Дилшоди Барно, Увайсӣ...

Такрорӣ.

## БОБИ IV. АДАБИЁТИ АСРҲОИ 19 – 20 = 21 соат

**Аҳмади Дониш – адиби маорифпарвар:** маълумот дар бораи афкори маорифпарварии тоҷик ва ўзбек ва таъсири он ба адабиёт. Аҳмади Дониш сарвари ҷараёни адабиёти маорифпарварии тоҷик. Осори мансури Аҳмади Дониш. Порча аз «Наводир-ул-вақоеъ».

**Абдулқодирхоҷаи Савдо:** Асарҳои манзуми Савдо ва хусусиятҳои мазмунию мундариҷавии он. Ҳаҷв ва мавқеи он дар асарҳои Савдо. “Музҳикот”-и Савдо ва мавқеи ҳикояҳои ҳаҷвӣ дар он. Порча аз «Музҳикот».

**Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ:** Асарҳои мансур ва манзуми Возеҳ ва хусусиятҳои мазмунию мундариҷавии онҳо. «Савонеҳ-ул-масолик» ва хусисуятҳои он.

**Шамсиддин Шоҳин:** “Бадоеъ-ус-саноеъ” ҳамчун асари насрии услубан нав. Мазмун ва мундариҷаи маснавии “Тӯҳфаи дӯстон” ва достони “Лайлӣ ва Маҷнун”. Порча аз “Бадоеъ-ус-саноеъ”.

**Тамоюлоти икишофи адабиёти асри XX тоҷик дар контексти адабиёти ҷаҳон.** Оғози адабиёти нав аз ҷиҳати мавзӯъ ва ғоя. Кӯшишҳо барои офаридани адабиёти ҳамқадами замон. Ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо.

**Нақибхон Туғрал:** Хусусиятҳои мазмунӣ ва мундариҷавии ашъори шоир. Маълумот дар бораи достонҳои “Лайлӣ ва Маҷнун”, асарҳои “Соқинома” ва “Ариза”. Намунаҳо аз ғазалиёт.

**Сиддиқии Аҷзӣ.** Мухтасар дар бораи зиндагинома ва мероси адабӣ. Ғазалиёти Аҷзӣ ва арзиши ғоявию бадеии он. Порча аз “Миръоти ибрат”.

**Абдуррауф Фитрат.** Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Фитрат. Маълумот дар бораи асарҳои адиб . Порча аз «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ».

**Александр Пушкин**: мухтасар дар бораи зиндагинома ва мероси адабӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи асари лиро -эпикии “Евгений Онегин”.

***Назарияи адабиёт:*** равияҳои адабӣ: романтизм ва реализм.

Такрорӣ.

| **Т/р** | Бобҳо | **Тақсимоти соатҳои умумӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Барои омӯзиши мавзӯи нав** | **Такрор** | **Корҳои назоратӣ** | **Муҳокимаи асарҳои мустақилона омӯхташуда** | **Умумӣ** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | Муқаддима ва намунаҳои адабиёти қадим | 4 | 1 | 2 | 1 | 8 |
| **2.** | Аз бӯстони адабиёти асрҳои миёна | 12 | 1 | 2 | 1 | 16 |
| **3.** | Манзараҳои адабиёти асрҳои 16–19 | 18 | 1 | 2 | 2 | 23 |
| **4.** | Адабиёти асрҳои 19 – 20 | 17 | 1 | 2 | 1 | 21 |
| | **Ҷамъ:** | **51** | **4** | **8** | **5** | **68 соат** |